## ТАҚРИЗ

**ба автореферати доктории Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънои иборахои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои филология бо тахассуси 10.02.01 -Забони тоҷикӣ.**

Рисола 355 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, аз муқаддима, чор боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи анъана аҳамияти интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методи таҳқиқ, маводи истифодашуда дар кор, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, мавод ва масоили асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори диссертатсия баррасӣ мегарданд.

Мутолиаи автореферат нишон дод, ки мазмуну мундариҷаи он ба асли рисола мувофиқ буда, мавзӯъ дар робита ба яке аз масъалаҳои муҳимму мубрам ва камтаҳқиқшудаи забони адабӣ- иборахои феълӣ ва хусусиятҳои грамматикию семантикии он бахшида шудааст. Сохтор ва банду басти илмии кор ба талаботи рисолаҳои илмии докторӣ созгор мебошад. Кор аз ҷиҳати назариявию амалӣ ба таври асоснок таҳия гардидааст. Далелҳои фаровон аз осори мансури адибони асрҳои XV- XVI – Ҷомӣ, Восифӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Соммирзои Сафавӣ, Фахриддин Алии Сафӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ истифода, тасниф ва таҳлил гардидааст. Маводи фароҳамомада бо шаклҳои маъруфи худ дар забони адабиии ҳозираи тоҷик ва намунаҳои осори мансури асрҳои нисбатан дуртар-асрҳои XI- XIV муқоиса шудааст. Забони рисола суфтаву равон ва ба талаботи сабки илмӣ-таҳияи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки дар байни дигар гурӯҳҳои луғавию грамматикии ибораҳо ибораҳои феълӣ ҳам аз рӯйи сохт ва ҳам аз рӯйи маъно навъи бойтарин ва серистеъмолтарин ҳам дар забони насри асрҳои XV- XVI ва ҳам забони адабии ҳозира тоҷик ба шумор меравaнд.

Дар вақти навиштани диссертатсия таҳқиқгар оид ба тамоми намудҳо ва хусусиятҳои воситаҳои алоқа, махсусан алоқаи пешояндӣ, алоқаи пасояндӣ, алоқаи ҳамроҳӣ, алоқаи артиклӣ ва алоқаи пешоянду пасояндӣ, ки дар ташаккули ибораҳои феълӣ нақши асосӣ доранд, сухан меронад. Таҳқиқгар кӯшидааст, ки басомади ҳар як пешояндҳоро дар таркиби ибораҳои феълӣ муайян намуда, хусусиятҳои грамматикии онҳоро шарҳ диҳад, ки ин хеле усули ҷолиб аст.

Дар диссертатсия ҳодисаи муродифшавии пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ таҳлил шудааст ва мисолҳои зиёде оид ба муродифшавӣ аз сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди таҳқиқ оварда шудааст, ки он киммати илмии корро боз ҳам афзудааст.

Ҷиҳати назарраси диссертатсия дар он аст, ки ташаккули ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар адабиёти классикии асрҳои XV- XVI бо ҳолати имрӯзаи забони адабии тоҷик муқоиса карда шудааст ва хусусиятҳои пешоянду пасояндҳо аз назари муҳаққиқ дур нарафтааст.

Дар рисола ҳамаи пешояндҳои содаи аслӣ бо тамоми хусусиятҳояш, муносибатҳояш бо калимаҳои дигар ва тобишҳои маъноиашон шарҳу эзоҳ дода шудаанд.Фикру андешаҳои олимони соҳа аз мадди назари муҳаққиқ дур намондааст.Мисолҳои овардаи муаллиф аз асарҳои мансури давраи мавриди назар қобили таваҷҷуҳанд.

Дар боби чоруми рисола маънои луғавии калимаҳо омили муҳими алоқаи калимаҳо дар ҷумла ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки маънои луғавӣ бе маънои грамматикӣ вуҷуд дошта наметавонад. Андешаҳои муҳаққиқ доир ба алоқамандии маънои грамматикӣ бо маънои луғавӣ ҳамагӣ дурусту қобили қабуланд. Қобили қайд аст, ки дар вақти навиштани диссертатсия таҳқиқгар аз манбаъҳои зиёди илмӣ ва адабӣ истифода карда тавонистааст. Далелу асноди қотеъ ва раднашаванда оварда, аз он пурсамар ва эҷодкорона истифода кардааст.

Дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳо зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

1.Номи иборашиносон такрор ба такрор омадааст

2. Мисолҳо зиёд оварда шудааст, аммо таҳлилҳо кам ба назар мерасанд.

3. Маъмулан ҳар як кори диссертатсионӣ иборат аз ғалатҳои техникӣ аст. Дар кори мавриди назар низ ғалатҳову иштибоҳоти техникӣ мавҷуд аст (саҳ. 22, 26, 58…), ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо ба ҳусну қубҳи кор нерӯи дигаре зам хоҳад кард.

Албатта, ин камбудиҳо арзиши илмӣ ва амалиеро, ки автореферати Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ кам нахоҳад кард.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии иборахои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мебошад.

**Муқарризон:**

Профессори донишгоҳи давлати Фарғона, доктори илмҳои филологӣ — А.Мамаҷонов

Профессори донишгоҳи давлати Фарғона, доктори илмҳои филологӣ — М.Ҳакимов

Дотсенти донишгоҳи давлати Фарғона, номзади илмҳои филологӣ — Э. Ибрагимова

Дотсенти донишгоҳи давлати Фарғона, номзади илмҳои филологӣ — М. Зокиров

Суроға: Ҷумҳурии Ӯзбекистон шаҳри Фарғона Донишгоҳи давлати Фарғона кафедраи забоншиноси
E-mail: mukhtar63@mail.ru
Телефон: +991-93-270-06-05

Имзои А.Мамаҷонов, М.Ҳакимов, Э.Ибрагимова, М.Зокировро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадр** **Ж.Дадабоева**

«21» апрели 2021 с